«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

__________ Хушвахтзода Қ. Х.

«___»_________ 2020

# ХУЛОСАИ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)» аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – рӯзноманигорӣ дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар давраи таълифи диссертатсияи докторӣ Бозорзода Нуриддин Шодипур дар кафедраи матбуоти факултети журналистика ба ҳайси дотсент ба кори пажӯҳишӣ машғул буд. Номбурда рисолаи номзадиашро дар шӯрои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми сентябри соли 2004, №37 ҳимоя намудааст. Шаҳодатномаи дотсентиаш бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №6 аз 13-уми июни соли 2019 аз рӯйи ихтисоси “Адабиётшиносӣ” дода шудааст.

Мушовири илмӣ: Абдуллозода Масрур - доктори илмҳои филологӣ, профессор.

**Дар натиҷаи муҳокима чунин хулоса шуд:**

Мавзӯи диссертатсия актуалӣ буда, дар он масъалаи ташаккулу таҳаввули жанри сафарнома ҳамчун жанри хос дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик пажӯҳиш шудааст. Сафарнома яке аз жанрҳои маъмули публитсистикаи тоҷик буда, таърихи тӯлонӣ дорад. Заминаҳо ва омилҳои пайдоиши сафарнома дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик аз замони Носири Хусрав оғоз гардида, бо сафарномаҳои

маорифпарварони тоҷик рушду нумуъ ёфтааст. Сафарнома дар тӯли солҳои минбаъда низ моҳияти худро нигоҳ дошта, хеле сайқал дидаву ташаккул ёфтааст.

Инкишофи воқеии сафарнома дар даврони навин, баъди инқилоби Октябр, яъне пас аз таъсиси рӯзномаву маҷаллаҳо сурат мегирад. Хусусияти умдатарини сафарномаҳои даврони мазкур дар он буда, ки тавассути онҳо хонандагон аз комёбиҳои илму техника, фарҳанг ва маданияти пешқадами халқи тоҷик ва мамолики хориҷӣ огоҳӣ мееёфтанд. Ин раванд, хусусан дар нимаи дувуми асри XX хеле қувват мегирад ва сафарнома дар матбуоти даврии тоҷик шакли муайян пайдо мекунад ва ҳамчун жанри фаъол хусусиятҳои хешро доро гардид, ки ба ин сафарномаҳои маҷаллаи адабии “Садои Шарқ” ва матбуоти даврии тоҷик гувоҳанд.

Сафарнома дар замони соҳибистиқлолии кишвар ҳам мавқеи хешро аз даст надода, рушду нумӯъ ёфт. Маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ хусусиятҳои жанрии сафарнома бештар таборуз карда, он ҳодисаю воқеаҳои гуногунро ҳаматарафа инъикос намуда, хонандаро бо беҳтарин ва волотарин лаҳазоти сафар ошно месозад.

Зарурати интихоб ва таҳқиқи мавзӯъ дар шинохти жанри сафарнома ҳамчун жанри куҳанбунёд, чи дар замони гузашта ва чи муосир мусоидат намуда, ҷойгоҳи онро дар системаи жанрҳои публитсистика равшан месозад.

Дар пажӯҳиши мавзӯъ докторант муносибати илмӣ намуда, таҳлилу ташхис, назару андеша, мубоҳисаву хулосаҳои таҳқиқотиашро дар такя ба андешаҳои олимони соҳаи адабиёт ва журналистика бо асноду далелҳо асоснок кардааст.

Дар таҳқиқот диссертант кӯшиш намудааст, ки бо такя ба пажӯҳишҳои баанҷомрасида хусусиятҳои жанрӣ, мавқеи муаллиф, хатти ҳаракати сафар, навъҳои сафарномаҳои матбуоти даврии тоҷикро дар муқоиса бо жанрҳои дигари публитсистика таҳқиқ намояд ва махсусиятҳои онро нишон диҳад.

Дар ҷараёни таҳқиқ проблемаҳои пайдоиш, ташаккул, таҳаввул ва рушду нумӯи сафарнома ҳамчун жанри публитсистика дар аҳди гузашта, шӯравӣ ва соҳибистиқлолии кишвар таҳқиқ ва баррасӣ шудааст.

Диссертант дар ҷараёни таҳқиқи мавзӯъ назари худро бо далелҳо асоснок намудааст. Таҳқиқи сафарнома дар шинохту арзёбии саҳеҳи масъалаи номбурда хидмат намуда, ҷойгоҳи ин жанри куҳанбунёдро дар доираи жанрҳои публитсистика муайяну мушаххас месозад. Ба ин маънӣ, имконияти жанри сафарнома дар инъикоси воқеиятнигоронаи ҳодисаю воқеаҳо мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст.

Кор дар сатҳи хуби илмӣ навишта шуда, диссертант манбаву сарчашмаҳоро, ки ба сафарнома алоқамандӣ доранд, омӯхта, назари донишмандон ва муҳаққиқони публитсистикаро таҳлил намуда, ба хулосаҳои асоснок расидааст.

Аз таҳлилу баррасӣ, мазмуну муҳтаво ва масъалагузориҳои диссертатсия маълум мешавад, ки диссертант ба ҳадафи таҳқиқотии худ ноил шудааст.

Диссертатсия паҳлуҳои гуногуни масъаларо фаро гирифта, барои ошкор намудани махсусиятҳои нигаронида шудааст. Равиши таҳқиқ ба омӯзиши сафарнома оид буда, дар ин замина хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии сафарнома низ мушаххас гардидааст.

Дастовардҳои пажӯҳишро публитсистон, рӯзноманигорон, донишҷӯёни гурӯҳу шуъба ва факултетҳои журналистика, кормандону мутахассисоне, ки дар соҳаи ВАО фаъолият мекунанд, метавонанд истифода баранд. Ҳамчунин аз маводи диссертатсия ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, гузаронидани курсу семинарҳои таълимии ихтисосҳои рӯзноманигорӣ истифода кардан мумкин аст.

Диссертант нуктаҳои муҳим ва натиҷаҳои таҳқиқро дар шакли маърӯза дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2010-2020) ироа намудааст.

Мазмуни асосии диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур дар беш аз 55 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 19 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст:

1. Иртиботи фарҳангӣ дар сафарномаҳои замони Шӯравӣ // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). - Душанбе, 2012. - № 4. - С. 96-103.

2. Саҳми Гулшанӣ дар инкишофи жанри сафарнома (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2012. - № 4/6 (97). - С. 270-275.

3. Мавқеи муаллиф дар сафарнома // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Сино, 2013. - № 4/1 (105). - С. 242-248.

4. Шерози дилнавоз (Назаре ба сафарномаҳои Ибод Файзуллоев) // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2013. - № 4. - С. 156-160.

5. Истиқлолият ва имкониятҳои жанри сафарнома // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2013. - № 4/3 (113). - С. 263-270.

6. Таассуроти сафари мондагор ё бисту ду соат дар Шероз // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2013. - № 4/4 (116). - С. 269-274.

7. Роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои сафарномаи А. Мирзоев «Соате чанд дар Исфаҳон» // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2013. - № 6. - С. 94-99.

8. Мақоми сафарнома дар матбуоти тоҷик (2013) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2015. - № 4/1 (159). - С. 286-289.

9. «Савонеҳ-ул-масолик...» ҳамчун сафарнома // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. - № 4/2 (159). - С. 286-290.

10. Маорифпарварони сафарноманигор // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. - № 4/4. - С. 292-297.

11. «Сафарнома»-и Низории Қаҳистонӣ яке аз аввалин заминаҳои сафарномаҳои назмӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. - № 4/5. - С. 270-273.

12. Жанри сафарнома дар осори маорифпарварони тоҷик // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. - № 4/6. - С. 272-277.

13. Таҳлили таносубии мавзӯъҳои ватаниву хориҷӣ дар сафарномаҳо // “Номаи Донишгоҳ”-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров. – Хуҷанд. – 2020. - №1 (62). - С. 129-136.

14. Бозтоби ҳаёти хориҷӣ дар сафарнома // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. - № 5. – С. 279-285.

15. Воқеияти Тоҷикистон аз нигоҳи публитсистони тоҷик (дар мисоли сафарномаҳои матбуотӣ) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. - № 6. – С. 280-284.

16. Таносуби воқеият ва бадеият дар сафарнома (дар мисоли сафарномаҳои матбуотӣ) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. - № 7. – С. 291-295.

17. Заминаҳои иҷтимоиву касбии таҳаввули сафарнома дар замони истиқлолият // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2020. - № 8. С. 286-292.

18. «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ – нахустин сарчашмаи сафарномаҳои публитсистӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2020. - № 2 (85). – С. 286-291.

19. Нигоҳи хориҷиён ба воқеияти Тоҷикистон (дар мисоли сафарномаҳо) // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2020. - № 3 (86). – С. 143-150.

Диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ мувофиқ буда, он ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – рӯзноманигорӣ тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраҳои матбуот, журналисстикаи байналхалқӣ, телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст. Дар ҷаласа 18 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 18 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Суратҷаласаи № 10, аз 29-уми майи соли 2020.

Раиси ҷаласа,
доктори илми филология,
профессори кафедраи матбуот __________ Муродов М. Б.

Котиби ҷаласа,
дотсенти кафедраи матбуот __________ Мухторӣ Қ.

«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон __________ Тавқиев Э. Ш.

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
WWW.tnu.tj
тел: (+992) 8342264715